*Ба шурои диссертатсионии 6D. КОА-071-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, бинои 121)*

## ТАҚРИЗИ

мукаррризи расмӣ ба рисолаи дисертатсионии Назарзода Абдузоир Жуманазар дар мавзуи «Методикаи баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз фанни химия бо ёрии маводҳои дидактикии ёрирасон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.4. Назария ва методикаи таълими химия (таҳсилоти миёнаи умумӣ))

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Соҳаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва мазмуни бобу фаслҳои он ба шиносномаи ихтисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.5. Назария ва методикаи таълими биология (таҳсилоти миёнаи умумӣ)), аз рӯйи бандҳои 4, 5, 7, 15, 18, 19, 33, 36 мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми тадбирҳои лозимаро ба кор мебарад, ки низоми маорифи кишвар рушд карда, мутахассисони ҷавобгӯ ба бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар омода намояд. Вобаста ба ин Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама баромаду паёмҳояшон ҳамасола ба Маҷлиси олӣ ба рушди фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ аҳаммияти хосса медиҳанд. Дар ин росто дар Паёми соли 2019 омадааст: «Ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсияи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020-2040» «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шавад».

Дар ҳамаи давру замонҳо ба таълиму тадрис таваҷҷӯҳ зоҳир карда мешуд, аммо он ба андозаҳои мухталиф арзёбӣ карда мешуд. Дар замони мо ва умуман қарни XXI таваҷҷуҳ ба омӯзишу таълим ба маротиб боло рафтааст ва мо натиҷаи ин таваҷҷӯҳро дар пешрафти бесобиқаи дунё дар чанд даҳсолаҳои ахир мебинем. Дунё дар тайи чанд даҳсолаи ахир ҷаҳиши кайҳонӣ доштааст ва дар ин ҳаракатҳо ҳамеша толибилм ва ё хонанда оне, ки тасмим ба хондан ва омӯзиш дорад, дар меҳвари тамоми корҳо қарор мегирад. Дар ғайри инсурат натиҷаҳо нобарор хоҳанд буд.

Бинобар ин мо технологияҳои гуногуни таълимиро оид ба ҳадафнокӣ, масъулиятнокӣ, тартиботӣ, ташкили ва ташхисӣ омӯхта ба хулоса омадем, кӣ ба мавзуи таҳқиқоти мо технологияи таълими адаптатсионӣ мувофиқ аст.

Зарурати истифодаи технологияҳои гуногунӣ таълимиро стратегияи илмии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин муосиргардонии

тадриҷии мазмуни таҳсилоти умумӣ дар асосӣ амсилаи салоҳиятноки таълим талаб доранд.

Ин технология сатҳи муътадили маънавии рушди хонандаро дар асоси истеъдод ва қобилияти табиӣ, инчунин рушди шахсият аз ҳисоби истифодаю тарафдории имкониятҳои мавҷудаи таълимгирандагон таъмин менамоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

– муайян карда шуд, ки бо истифода аз технологияи мутобиқгардонии таълим метавонем сатҳи сифати дониши хонандагони синфҳои 8-9 – ро аз химия дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баланд бардорем;

– системаи методие кор карда шуда дар шароити камчинии вақт таълимӣ низ метавонад ба ташаккули фаъолияти таълимӣ – маърифатии хонандагон ёрӣ расонад;

– системаи методӣ, метод ва воситаҳои таълимро дар бар гирифта натиҷанокии омӯзишро таъмин мекунанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– таҳияи маводҳои гуногуни дидактикӣ, ки хусусиятҳои синнусолӣ, ҳаҷм, кутоҳӣ, дастрас будан, таъмини фаъолияти фикрӣ ва қабулшаванда буданро доранд ва ба қобилияти мутобиқшавии хонандагон барои корҳои мустақилона ёрӣ мерасонанд.

– татбиқи манбаъҳои махсуси дидактикӣ бо назардошти талаботҳои принсипҳои мутобиқгардонӣ (адаптатсионӣ) коркард карда шуда, ки бо назардошти зиёд кардани диққат ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ, қобиляти хонандагон барои чандир будан дар таълим ва инчунин дар ҳамгиро истифода бурдани кори фардӣ ва гурӯҳӣ, равона гаштааст.

– методикаи дастгирии мутобиқшавии хонандагон бо истифода аз маҷмуи маводи таълимии кумакрасон, ки ҷиҳати иртиқои сифати дониши химия имконот фароҳам меорад.

– ташаккули тарзу усулҳои ташкили фаъолияти маърифатии хонандагон дар асоси воситаҳои таълимии ёрирасон ва натиҷаи озмоиши педагогии методикаи баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз химия дар муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро**, ахбори озмоишии педагогӣ, ки дар асоси ҳадаф ва вазоифи таҳқиқот доир карда шуда таҳлили ҳадафҳои таҷрибаи психологию омӯзгорӣ; санҷиши ҳолатҳои назариявии таҳқиқот дар ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ; хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба истифодаи технологияи адаптатсионӣ таъмин менамоянд.

**Мақсади таҳқиқот:** ташкили ҷараёни таълими химия дар синфҳои 8–9 – уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо истифода аз маҷмуи маводи таълимӣ, ки барои баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз химия ёрӣ мерасонанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

1. Таҳлил кардани адабиёти педагогӣ, методие, ки ба баланд бардоштани сифати дониши хонандагони зинаи дуюми таҳсилоти умумӣ бахшида шудаанд.

2. Коркарди воситаҳои дидактикии ёрирасон ва тарзи истифодаи онҳо дар ҷараёни таълими химия дар зинаи аввали таълими химияи МТМУ.

3. Дарёфти методикаи татбиқи маводи дидактикии ёрирасон бо истифода аз технологияи таълии адаптатсионӣ.

4. Доир кардани озмоиши педагогӣ ва бар асоси баррасии натиҷаҳо, баҳо додан ба самаранокии равиш ва усуле, ки таҳия карда шудааст.

**Объекти таҳқиқот** рафти тадриси фанни химия дар синфҳои 8–9 – уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад.

**Мавзуи таҳқиқот.** Ташкили ҷараёни таълими химия дар синфҳои 8–9 – уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо истифода аз маҷмуи маводи таълимӣ, ки барои баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз химия ёрӣ мерасонанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои муқаддима «Тавсифи умумии кор», се боб, бахши «Хулосаҳо» бо зербахши «Тавсияҳо оиди истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Номгӯи адабиёт» иборат аст.

Рисола аз муқаддима, се боб, 9 фасл, хулоса ва адабиёти истифодашуда бо теъдоди 176 номгӯ ва замима иборат аст. Ҳаҷми асосии рисола 167 саҳифа буда, шомили 16 ҷадвал 8 расм ва 8 диаграмма мебошад.

Оид ба моҳияти бобу фаслҳои диссертатсия:

Диссертатсия аз 3 боб иборат аст. Боби якуми диссертатсия – **«Технологияи педагогии муосир ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии таълими химия»** ном дошта, аз се зербоб, хулоса иборат аст.

Дар зербоби якум **«Адаптатсияи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ ҳамчун омили самаранокии таълим»** таҳлил карда шудааст.

Ба андешаи рисоланавис, сабаби аз худ накардани маводи таълимӣ аз тарафи хонандагон ин набудани диққат, фаъолиятнокии суст ва дигар хосиятҳои хоси физиологию равонии хонандагон мебошад. Бояд ҳар як омӯзгор кушиш ба харҷ диҳад, ки хонандагон диққати худро ба раванди ҳавасмандии маърифати равона созанд, то ин ки бо истифода аз манбаҳои иттилооти гуногун ба баланд шудани сатҳи дониши худ муваффақ гарданд.

Таҷрибаи корӣ нишон медиҳад, ки диққат ба хонандагон яке аз қисматҳои асосии таълиму тарбия ҳисоб шуда, ба таълими самаранок ёрӣ мерасонад. Диққат дар раванди дар хотир нигоҳ доштани донишҳо, аз ба ёд овардан, дарк ва аз ёд баровардани онҳо нақши муҳим дорад. Зарур аст, ки диққатро дар муддати муайяни вақт барои муайян

намудани объект ба назар гирем. Набудани диққати муайян ба мутобиқ нашудани хонандагон ба шароити мавҷуда оварда мерасонад.

Баъзе омӯзгорон хусусиятҳои хоси физиологию – равонии хонандагонро ба назар нагирифта, барои дар хотир нигоҳ доштан ба онҳо донишҳои зиёдатӣ, ҳаҷми калону мураккабро бор мекунанд, ки вақти зиёди омӯзишро талаб менамояд. Ин ҳолат боиси он мешавад, ки барои кӯдакон вақти кам ба бозӣ кардан ва дигар корҳои муфид мемонад. Натиҷааш мутобиқ нашудани хонандагон ба фаъолияти таълими аст.

Дар зербоби дуюм **«Нақшии технологияи педагогӣ дар баланд бардоштани самаранокии таълими химия»** таҳлил карда шудааст.

Назарзода А.Ж. қайд кардааст, ки дар донишномаи бузурги аҳди Шуравӣ технология чунин шарҳ дода шудааст, ки технология ин усул ва воситаҳое мебошанд, ки дар саноат ва сохтмон мавриди истифода қарор дода мешаванд ва инчунин равишу корҳоро такмил мекунанд.

Диссертант зимни омӯзиши адабиёти илмӣ-тадқиқотӣ ба як қатор технологияҳои педагогӣ бархӯрд кардааст, ки онҳо бо номҳои зерин ёд мешаванд: технологияи таълим, технологияи тарбия, технологияи омӯзиш, технологияи анъанавӣ, технологияи муаллифӣ ва амсоли инҳо.

Мувофиқи таърифоти С.А. Смирнов: «Технологияи педагогӣ – ин низоми методҳои ташкилкунандаи истифодабарӣ ва муайянкунандаи ҳамаи раванди таълим, азхудкунии дониш бо назардошти захираҳои техникӣ ва инсонӣ ва ҳамкории онҳо мебошад, ки вазифаашон муътадилгардонии шаклҳо мебошад».

Муносибати технологӣ ба таълим тамоюлӣ муҳим дар фазои ягонаи таҳсилот маҳсуб ёфта, барои аз миён бардоштани байни дархости барнома бо эҳтиёҷоти ҷомеа, ки талаботи шахсро дар натиҷаи омӯзиш қонеъ мегардонад, равона шудааст.

Дар зербоби сеюм **«Мавқеи таълими фардӣ дар технологияҳои гуногуни таълимӣ»** таҳлил карда шудааст.

Ба андешаи унвонҷӯ, дарси химия мувофиқи таълими ба шахсият равона кардашуда, се давраи махсусро, ки барои ҳамаи намуди фаъолиятҳо хос мебошанд, дар бар мегирад:

1. Давраи муайянкунӣ ба ваҷҳҳое, ки мақсади таълим, роҳҳои дар раванди фаъолияти якҷоя ба нақша гирифташуда ба онҳо расиданро равшан месозад ва дар як вақт ҳавасмандӣ ба таълим ба амал меояд. Дар ин давра чунин масъалаҳо ҳалли худро мeёбанд: Мо дар куҷо истодаем? Ба куҷо кӯшиши расидан дорем? Барои чӣ ва барои ин чиро бояд донем? Чӣ тавр инро иҷро кард?

2. Давраи амалиётӣ – иҷрокунӣ, ки дар он амалӣ намудани нақшаи пешниҳод кардашуда, муҳокимаи натиҷаҳо, амалисозӣ ба амал меояд.

3. Давраи рефлексӣ – баҳодиҳӣ, ки дар он баҳодиҳӣ ба натиҷаҳо, худбаҳодиҳӣ ва баромадан ба ҳалли вазифаҳои нав ба вуҷуд меояд. Дар ин давра чунин масъалаҳо ҳал карда мешаванд: Мо ба мақсад расидем?

Чӣ тавр аз иҷрои он баромадем? Барои ҳалли супоришҳо чӣ кор бояд кард?

Нақши омӯзгори химия аз ташкили фаъолияти муътадили худомӯзии хонанда иборат аст. Хонандагон мустақилона, қадам ба қадам, ба таври субъективӣ ба нав мерасанд, натиҷаҳоро муҳокима намуда, натиҷаҳои худро бо натиҷаҳои дигарон муқоиса мекунанд. Дар дарсҳо муҳити ҳамкорӣ ва ба якдигар ёридиҳӣ пайдо мешавад, ба таври доимӣ муоширати дукаса, гурӯҳӣ ба вуҷуд омада, хонандагон дилгир намешаванд.

Боби дуюми диссертатсия **«Асосҳои методии истифодаи маводи дидактикии ёрирасон дар раванди таълими химияи муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ»** ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби якум **«Принсипҳо ва методҳои истифодаи маводи дидактикии ёрирасон дар ҷараёни таълими химия»** таҳлил карда шудааст.

Муносибати бонизом дар таълим баррасии объект ва предмети таҳқиқотро чун низоми таълимӣ дар назар дошта, он муттасил ташакулёбии донишро дар якҷоягӣ, тараққӣ, алоқамандӣ ва ягонагӣ дар назар дорад. Муносибати мазмун ин истифодаи воситаҳои таълимро дар раванди омӯзиш ба таври якҷояро (ҳамгиро) дар назар дорад. Дар асоси принсипҳои дидактикӣ муносибати бонизом ва маҷмуи маводи дидактикие, ки хусусияти дастурӣ доранд ва методикаи истифодаи онҳо кор карда баромада шудааст.

Диссертант дар бораи принсипи айёният маълумот дода, қайд кардааст, ки айёният сифати дарсро баланд бардошта, боиси равшану возеҳ ва бошуурона фаҳмидани донишҳои химиявӣ мегардад.

Дар таълими химия метавонем моддаҳо, реаксияҳои химиявӣ, кинофилмҳо, расмҳо, ҷадвалҳо, харита, нақшаҳо, амсилаҳо, диафилмҳо, таҷҳизотҳои кабинети химия, асбобҳо ва ғайраро чун айёният истифода намоем.

Вазифаи маърифатии айёният дар ҷараёни таълим сермаъно аст ва ба воситаи образҳои аёнӣ ҳодисаҳои гуногуншакли мушаххас ва ашёи гирду атроф инъикос мешаванд.

Дар зербоби дуюм **«Методика истифодаи маводи дидактикии ёрирасони хусусияти тавсиявӣ дошта барои баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз фанни химия дар синфҳои 8-9»** таҳлил карда шудааст.

Муҳаққиқ қайд мекунад, ки истифодаи маводҳои дидактикӣ шавқу ҳаваси хонандагонро нисбат ба омӯзиши фанни химия афзун гардонида, дар тарбияи экологӣ, меҳнатдӯстӣ ва зебоипарастии хонандагон мавқеи муҳим мебозад. Аз тарафи дигар, қобилияти фикрронии хонандагонро зиёд намуда, ба эҷодкорӣ ва ба ҷустуҷӯии онҳо ба мавод таъсири мусбат мерасонад.

Ҳар як маводи дидактикии ёрирасонро новобаста аз якдигараш дар амалия таълими химия метавонем васеъ истифода бурда мешавад. Вале ҳамаи маводҳои ёрирасони дастурӣ яке бо дигараш алоқаманд

буда, адабтатсияи хонандагонро талаб менамояд. Бояд қайд намуд, ки натиҷаи дуруст додани истифодаи маводи дидактикии ёрирасон аз маҳорати омӯзгори химия вобастагии калон дорад.

Дар зербоби сеюм «**Тарзи самаранокии ташкил намудани фаъолияти маърифатии хонандагон бо маводи дидактикии ёрирасон**» таҳлил карда шудааст.

Ба андешаи рисоланавис вақти сарф бо маводҳои дидактикӣ дар таълим 10 – 15 дақ. ва барои мушоҳида аз кори иҷронамуда 5 -7 дақиқаро ташкил медиҳад. Дар ҳар як дарс мо метавонем, ин миқдор вақтро барои истифодаи маводи ёрирасонӣ супоришӣ барои ҳазм шудани маводи таълимӣ истифода намоем.

Барои мисол мо аз мавзуи «Миқдори модда» иқтибос меоварем.

Омӯзгор: моддаҳоро аз ду ҷиҳат: сифатӣ ва миқдорӣ тавсиф додан мумкин аст. Ба тавсифи сифатӣ муайян кардани модда аз кадом элемент ва кадом хосиятҳои химиявиро доро мебошад дохил мешавад. Тавсифи миқдории модда вазн ва миқдори ҳиссачаҳои заряднок (ионҳо), молекула, шуда метавонад.

Массаҳо бо кадом бузургиҳо ишора карда мешаванд ва ягонагии ченкунии онҳоро нависед?

Талаба: тонна, килограмм, грамм, миллиграмм.

Омӯзгор: Барои муайян кардани вазни модда мо чиро ба назар гирем? Вазни модда иборат аз масса ва миқдори заррахое, ки дар таркиби моддаи додашуда мавҷуд аст, мебошад. Дар ҳисоб кардани миқдори молекула ва атом олимон корҳои зиёде ба анҷом расонидаанд. Номи онро пешниҳод намуданд, ки онро миқдори модда номиданд ва ягонагии ин ченакро мол номгузори карданд. Миқдори модда ин бузургии физикие мебошад, ки аз рӯйи миқдори заррачаҳои атом молекула ва дигаронаш муайян карда мешавад. Миқдори моддаро бо ҳарфи n ифода шуда, бо мол чен карда мешавад. Мол ченаки миқдории модда мебошад, ки дар он ягонагии сохторӣ ба назар гирифта мешавад, ки ҳамин миқдор атомҳо дар 12 грам изотопи карбон (C) вуҷуд дорад. Ин шумора ба чанд баробар аст? Олимон ҳисоб карданд, ки 1 мол ҳамаи моддаҳо $6{,}02 \cdot 10^{23}$ заррача ё молекула доранд. Ин шумора дар илми химия номи ададӣ Авогадро гирифтааст (ба номи олими Итолиёвӣ А. Авогадро). Мо ин ададро ба миқдори 1 мол модда муқоиса намоем, бузургии физикие ҳосил мешавад, ки доимии Авогадро ном дорад:

$N_A = 6{,}02\ 10^{23}$ мол.

Дар боби сеюм «**Озмоиши педагогии методикаи истифодаи маводи дидактики ёрирасон дар равандии таълими химия**» омӯхта шудааст, ки аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби якум «**Вазифаҳои озмоишӣ дар давраҳои таҳқиқот**» таҳлил карда шудааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки мақсади кори озмоишӣ санҷидани самаранокии методикаи кор кардшуда бо истифода аз технологияи

мутобикшавии (адаптатсионӣ) хонандагон ҳангоми омӯзиши химия дар синфҳои 8 ва 9 буд.

Ҳангоми омӯзиш ба масъалаҳои дараҷаи фаҳмиши мафҳумҳо, сатҳи фикркунӣ, мустаҳкамии диккат, амалиётҳои таҳлил, синтез, ҷудо карда тавонистани маводҳои асосӣ аз дуюмдараҷа, истифодаи донишҳо дар амал, маҳорати иҷрои корҳои амалӣ ва кор карда тавонистан ба таҷҳизоти химиявӣ диккати махсус дода шуд.

Озмоишӣ педагогӣ бартарии синфҳои озмоиширо нисбат ба синфҳои назоратӣ дар ташаккули бодиккатӣ, тафаккури мантикӣ, баёни фикр, бартараф намудани парешонхотирӣ дар дарсҳо, шавку рағбат ба фанни химия нишон дод.

Дар зербоби дуюм **«Давраи ташакулдиҳандагии озмоиш»** таҳлил карда шудааст.

Муҳаккиқ қайд мекунад, ки ҷамъбасти маҳорати ҳисоб кардани массаи нисбии молекула нишон дод, ки дар синфҳои назоратӣ 54,68%, дар синфҳои озмоишӣ 45,32%-ро ташкил намуд. Яъне дар синфҳои озмоишӣ ин нишондод 4,68% пасттар буд. Дар иҷрои супоришҳои алоқаманд ба маҳорати муайян кардани микдори протонҳо, нейтронҳо ва электронҳо барои изотопи хлор хонандагон мушкили кашиданд. Хонандагон асосан микдори протонҳо, нейтронҳо ва электронҳоро фақат барои як изотоп муайян намуданд. Ягон хонанда супоришро пурра иҷро карда натавонист. Ҳисоби миёнаи иҷрои ин супориш дар синфҳои назоратӣ 20,51% ва холи миёна 0,42 – ро ташкил дод, вакте ки дар синфҳои озмоишӣ – мутаносибан 31,32% ва 0,61 буд.

Маҳорати таъриф додани банди химиявии қутбнок ва мисол овардан: дар синфҳои назоратӣ дараҷаи иҷро кардани супоришҳо аз тарафи ҳамаи хонандагони синфҳои назоратӣ 35,64% ва холи миёна 0,77 дар синфҳои озмоишӣ бошад, мутаносибан 41,5% ва 0,85 ташкил намуд. Умуман дараҷаи ташаккулёбии маҳорат дар синфи озмоишӣ нисбат ба синфи назоратӣ қариб 6% баланд буд.

Дар зербоби сеюм **«Озмоиши назоратӣ (муқоисавӣ)»** таҳлил карда шудааст.

Диссертант қайд мекунад, ки муқоисаи маълумотҳо оид ба сатҳи дониш ва маҳорати хонандагон дар синфи 8 бо синфи 9 нишон медиҳад, ки ҳиссаи хонандагони синфҳои озмоишӣ, ки сатҳи дониш ва маҳорати олӣ нишон доданд, дар синфи 9 кам шудааст: мутаносибан 38,1% ва 34,3%. Лекин ҳиссаи хонандагони сатҳи миёна аз 53,2% то 62,9% зиёд шудааст. Ҳиссаи хонандагони сатҳи дониши паст дошта низ хеле кам (4,8%) шуданд, хонандагони сатҳи сифр дошта мавҷуд нестанд. Умуман динамикаи мусбии зиёд шудани теъдоди хонандагоне, ки сатҳи дониш ва маҳорати олӣ доранд ба назар мерасад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ:**

- роҳҳои бехтар намудани кори мустақилонаи хонандагон бо ёрии маводи таълимии ёрирасон, ки баланд бардоштани сифати дониши хонандагонро аз химия таъмин мекунанд, пешниҳод карда шуд;

- системаи маводҳо ва муносибатҳои маҷмуии кор карда шударо метавонем дар коркарди чунин маводҳо доир ба фанҳои табиӣ – илмӣ истифода намоем;

- маҷмуи маводи таълимии ёрирасон ва методикаи таълими хонандагон, маҷмуи маводҳои таълимиро дар бар мегирад, ки ба баланд бардоштани сифати дониши хонандагон нигаронида шудаанд;

- истифодаи маводи таълимӣ ба хонандагон барои бартараф намудани мушкилиҳое, ки ҳангоми омӯзиши зинаи аввали химия ва боло «синфи XI» яъне истифодаи вақти такрорӣ аз химия пеш меоянд, ёрӣ мерасонанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Натиҷаҳои таҳқиқот дар 18 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки 10-адади онро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расида ва боқимондаи онҳо дар дигар нашрияҳо ба чоп расидаанд ва инчунин маводҳои конфренсияҳои илмӣ-назариявии байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ ташкил медиҳад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Автореферат, ки аз мазмуни асосии диссертатсия бармеояд, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаи илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар диссертатсия баъзе ғалатҳои хусусияти имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

2. Дар диссертатсия робитаи байнифаннӣ асосан дар доираи фанҳои табиӣ-риёзӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар баъзе маврилҳо робитаи ногустании илмҳои педагогӣ, психологӣ бо методикаи таълим то ҷойе равшан ба назар намерасад.

3. Дар таҳлили натиҷаҳои озмоиши педагогӣ баъзе усулҳои коркарди оморӣ ба таври муқоисавӣ нишон дода шудааст, аммо дар баъзе мавридҳо таҳлили аналогӣ ба чашм мерасад.

Бояд таъкид кард, ки камбудиҳои ҷойдошта ҷузъӣ буда, сифати илмии рисолаи мазкурро коста намегардонад ва ислоҳи ҳамаҷонибаи онҳо ба диссертатсия ҳусни дигар зам мекунад. Диссертатсияи номзадии Назарзода Абдузоир Жуманазар дар сатҳи баланди илмию назариявӣ ва амалӣ бо назардошти талаботи замон таълиф гардида, дар таълифи

рисолаи илмӣ мустақилияти муаллиф бармало эҳсос карда мешавад ва корро анҷомшуда ҳисобидан мумкин аст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Назарзода Абдузоир Жуманазар дар мавзуи «Методикаи баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз фанни химия бо ёрии маводҳои дидактикии ёрирасон», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-071-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.4. Назария ва методикаи таълими химия (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 32, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст), мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

Номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи органикӣ ва амалии факултети биология ва химияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров **Ҳакимхоҷазода Сироҷидин Наҷмиддин**
«24» 08 соли 2026

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Хуҷанд, маҳалли 13, бино 32, хона 23
Телефон: (+992) 902-80-00-04 / (+992) 92-880-88-74
E-mail: siroj1974@mail.ru

Имзои - н.и.хим., дотсент **Ҳакимхоҷазода Сироҷидин Наҷмиддин** - ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои РК ва КМ-и МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" **Сайдуллозода З.С.**

**Суроғаи муассиса:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Телефон: (+992) 3422 65273 / (+992) 3422 67518
E-mail: rektor@hgu.tj
«24» 08 соли 2026